**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, ҳарчанд дар анвои гуногуни назму наср таҷрибаҳои ҳунарӣ анҷом додааст, вале бо «Сафарнома»-и худ мақому ҷойгоҳи хосае дарёфта. Ҳарчанд ин суханвари мумтоз дар рушду таҳаввули анвои гуногуни адабӣ хидмати бузурге дар адабиёти гузаштаи мо анҷом додааст, вале то ҳанӯз роҷеъ хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, сохтор, нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва нусхаҳои гуногуни он кори таҳқиқии фарогиранда ва вижа ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, метавон бо итминон изҳор дошт, ки диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» аз ҷумлаи корҳои муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Дар заминаи мутолеаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки бори нахуст ба тариқи монографӣ дастнависҳу нашрҳои литографӣ ва нусхаҳои чопии асар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Таҳқиқи вижагиҳои ғоявию бадеӣ, мушаххас сохтани мавзуъ ва мундариҷаи асосии асар, муайян намудани нақши ноқил, таҳлили вижагиҳои баёни ривояту ҳикоёт, тасвири чеҳраҳои таърихӣ ва истифода аз санъатҳои бадеӣ бинобар нуфузи онҳо дар асар омӯхта шуда, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дигар аз масъалаҳои меҳварии диссертатсия баррасии чопҳои гуногуни «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад, ки мо инро аз мутолиаи фишурда дарк намудем.

Муҳимтарин навгонии илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар диссертатсия хусусиятҳои сабкию бадеӣ, нақди матни омавии «Сафарнома», мазмун, мундариҷа ва дигар масъалаҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ҳамзамон, масъалаҳои муайян намудани ҳунари чеҳранигорӣ, мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома» ва нақши ноқил дар асар баррасӣ гардидаанд. Мухтассоти фавқуззикри осори адиб то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳидаву густарда таҳқиқ нашуда буданд.

Аз муҳтавои автореферат аён мешавад, ки Самиев Ҷ.С. ба мавзуъ ошногии комил дошта, барои таҳқиқ чунин доираи мабоҳиси илмиро таъин кардааст, ки мантиқан ба ҳам алоқаманд ҳастанд. Диссертатсияи аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он,

робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва метадологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор дар доираи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат фароҳам омадаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** масъалаҳои марбут мухтассоти жанри сафарнома, таносуби бадеият ва публитсистика дар асар, нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ, нусхаҳои чопи оммавии аса ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Сохтор, бандубаст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омада, дар он мавзую мундариҷаи ва воқеияти бадей дар асар баррасӣ гардидаанд. Вежагиҳои сохториву муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар ин боб бо анҷоми таснифоти қобили мулоҳиза таҳқиқ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»»** ном дошта, дар се фасли он таҳқиқи масъалаҳои марбут ба накши муаллиф, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва бозтоби чеҳраҳои фарҳангӣ анҷом дода шудааст.

Масоили сохторшиносӣ, ҷанбаҳои бадеии асар, аз ҷумла халлоқияти ҳунарии Носири Хусрав дар ташбеҳсозӣ, эҷоди истиораҳои нав, корбурди истилоҳоти улуми гуногун, аз ҷумла иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ, нуҷум ва амсоли ин имкон додаанд, ки муҳаққиқ нақшу мақоми адибро дар рушду таҳаввули насри классикӣ ба таври барҷаста таҳқиқ намуда, дар бораи арзишҳои адабиву бадеӣ ва вежагиҳои сохторию ҳунарии асари таҳқиқшаванда андешаҳои қобили таваҷҷуҳи илмӣ баён намояд.

Диссертант аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ расида, онҳоро дар 11 банд манзури хонанда намудааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки муаллифи барои дар ин шакл омода намудани автореферат заҳматҳои зиёд кашида, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аммо дар баробари комёбиҳо баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Ба назари мо, агар унвони автореферат ва диссертатсия – «Мавзуъ, муҳтаво, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» номгузорӣ мегардид, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ (с. 4, 6, 11, 12, 19, 23) ба назар мерасанд.

3. Дар автореферат ҷо-ҷое умумиятгӯйӣ ва ҷумлаҳои тавсифӣ ба назар мерасанд, ки дар кори таҳқиқӣ аз истифодаи онҳо худдорӣ кардан беҳтар аст. Чунончи: ««Сафарнома» аз беҳтарин ва пурарзиштарин асарҳои адабии мутафаккири тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад, ки онро яке аз сарчашмаҳои нодиртарини наср номида, сабки онро «латифтарин» ва «равонтарину саҳлтарин» гуфтаанд» (с. 21).

Албатта, эродҳои зикршуда ҷузъӣ буда, бештар хусусияти тавсиявӣ доранд. Дар умум, метавон изҳор дошт, ки автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таълими забон ва
адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Бобоҷонова М.Ҳ.
23.12.2024.

Суроға: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров,
ҷамоати Ҳ.Усмонов, кӯчаи Т.Мирхолиқов 16
Тел.: (+992) 92-760-21-41.
E-mail: missmrustamova@mail.ru

Имзои М.Ҳ. Бобоҷоноваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 92-805-70-07
E-mail: ddhkadr@mail.ru
23.12.2024.